

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№6 (4902)

ЧОРШАНБЕ, 8 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**7-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои масъули роҳбарӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва чанде аз мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ таъиншударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони шаҳри Норак ва ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон ва раиси ноҳияи Нуробод аз ҳисоби кадрҳои ҷавону дар хизмати давлатӣ варзида таъин гардиданд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара», ректори Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», муовини якум ва муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони як қатор муассисаҳои навтаъсиси илмию тадқиқотии назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат онҳоро ба фаъолияти содиқонаю софдилона дар роҳи хизмат ба давлат ва мардуми Тоҷикистон, наздик будан бо аҳолӣ, риояи фарҳанги волои муомилаю муошират, тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ривоҷ додани корҳои созандагию ободонии кишвар ҳидоят намуданд.

Ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳое, ки акнун ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ шурӯъ менамоянд, дастур дода шуд, ки корҳои созандагиву бунёдкориро ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ вусъат бахшида, бо ҷалби соҳибкорону ашхоси саховатманд бунёди иншооти таъиноти иҷтимоиро дар минтақаҳо суръати тоза бахшанд.

Вобаста ба мубориза бар зидди ҳама гуна қонунвайронкуниҳо, бахусус дар масъалаи замин, ба масъулин супоришҳои мушаххас дода шуд.

**www.prezident.tj**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 2, мод. 19; с. 2022, №12, қ. 2, мод. 777) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар муқаддима ва тамоми матни қонун калимаҳои «муҳофизат», «муҳофизату», «муҳофизати», «МУҲОФИЗАТИ», «Муҳофизати», «зайли», «зайл», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадориҳои», «вазифадоранд», «ВАЗИФАҲОИ», «Вазифаҳои» ва «вазифаҳои» мувофиқан ба калимаҳои «ҳифз», «ҳифзу», «ҳифзи», «ҲИФЗИ», «Ҳифзи», «зерини», «зерин», «уҳдадориҳо», «уҳдадориҳои», «уҳдадоранд», «УҲДАДОРИҲОИ», «Уҳдадориҳои» ва «уҳдадориҳои» иваз карда шаванд.

2. Аз моддаи 9 калимаҳои «ба риояи қоидаҳои шикор ва моҳидорӣ назорат мекунанд,» хориҷ карда шаванд.

3. Дар моддаи 17:

- аз номи модда калимаи «кардан» хориҷ карда шавад;
- дар муқаддимаи қисми якум калимаи «Шахсҳои» ба калимаи «Шахсони» иваз ва калимаи «кардан» хориҷ карда шавад;
- дар қисми дуюм калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

4. Дар қисми якуми моддаи 21 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

5. Дар қисми дуюми моддаи 22 калимаи «пешниҳоднамудаи» ба калимаи «пешбининамудаи» иваз карда шавад.

6. Ба моддаи 31 сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ҳавасмандгардонии моддию маънавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ҳифзи олами ҳайвонот мусоидат менамоянд;».

7. Дар қисми дуюми моддаи 40 калимаи «фавқулодда» ба калимаи «истисноӣ» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2125**

## БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ



**7-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Сӣ Ҷинпин барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

«**Муҳтарам ҷаноби Раис,**

Хабари ба ҳалокат расидан ва осеб дидани шумораи зиёди одамон, ҳамзамон, ворид гардидани хисороти сершумор ба бинову иншоот дар навоҳии ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Мардумии Чин бар асари заминларзаи харобиовар боиси андуҳи инҷониб гардид.

Дар иртибот ба ин мусибати гарон ба Шумо, пайвандону наздикони фавтидагон ва тамоми мардуми дӯсти Чин ҳамдардӣ ва тасаллияти самимии хешро иброз менамоям. Ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**Ҳафтуми январи соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин Чжао Летсзӣ барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«**Ҷаноби Олӣ**,

Хабари ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди одамон бар асари заминларзаи шадид дар минтақаи ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Мардумии Чин боиси андуҳи амиқи мо гардид.



Дар робита ба оқибатҳои фоҷиабори ин офати табиӣ ҳамдардии самимии ҷониби моро ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва тамоми мардуми дӯсти Чин иброз дошта, ба пайвандону наздикони фавтидагон сабри ҷамил ва барои ҳамаи осебдидагон шифои оҷил хоҳонам.

**Бо изҳори таассуф, Рустами ЭМОМАЛӢ**».

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатзода Наҷмиддин Сайфиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №АП-714**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №4, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Муминзод К.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муминзод Камолиддин Рамазон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №5, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода У.Г.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Усмон Гул бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №6, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Бобозода Р.Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бобозода Раҳим Бозор бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод намудани Шарифӣ Ф.Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифӣ Фирӯза Бурихонзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №899**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Мардзода О.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мардзода Одинашо Миршаб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №901**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон озод намудани Шоҳиён З.Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шоҳиён Зарифхуҷа Фақер бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №900**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Нуробод озод намудани Ҷобирзода Д.П.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҷобирзода Додарҷон Пулод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Нуробод озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №902**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №570**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1496**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ДАВЛАТӢ»**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12 январи соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №1, мод. 19; с. 2011, №3, мод. 175; с. 2012, №8, мод. 831, №12, қ. 1, мод. 1003; с. 2015, №3, мод. 222; с. 2020, №7-9, мод. 611; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 714) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати ҳаштум калимаҳои «нафақае мебошад» ба калимаҳои «пардохти саҳм барои суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» иваз карда шаванд;

- ба сархати чордаҳум пас аз калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «дар соҳаи таъминоти нафақа» илова карда шаванд.

2. Дар матни моддаи 8 калимаи «нафақаро» ба калимаҳои «нафақаҳои суғуртавӣ ва (ё) давлатиро» иваз карда шавад.

3. Дар матни моддаи 9 калимаи «салоҳият» ба калимаи «ваколат» иваз карда шавад.

4. Дар моддаи 10:

- дар ном ва матн калимаҳои «Салоҳияти» ва «салоҳияти» мувофиқан ба калимаҳои «Ваколатҳои» ва «ваколатҳои» иваз карда шаванд;

- дар сархати панҷум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- амалӣ намудани ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

5. Ба зербанди г) қисми 3 моддаи 13 пас аз калимаи «Чернобил» калимаҳои «ва минтақаҳои дигари олудагии радиоактивӣ» илова карда шаванд.

6. Ба қисмҳои 1 ва 4 моддаи 15 пас аз калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» калимаҳои «дар соҳаи таъминоти нафақа» илова карда шаванд.

7. Муқаддимаи қисми 1 моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Пардохтҳои нафақавӣ аз рӯи намудҳои зерини нафақаҳои давлатӣ таъмин карда мешаванд:».

8. Дар қисми 3 моддаи 41 аломат ва калимаҳои «, ки таъминоти нафақаро амалӣ мекунад,» ба калимаҳои «дар соҳаи таъминоти нафақа» иваз карда шаванд.

9. Ба қисми 2 ва сархати дуюми қисми 4 моддаи 42 пас аз калимаи «мақомоти» калимаи «дахлдори» илова карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2126**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №572**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024, №1447**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СОБИҚАДОРОН»**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» аз 7 апрели соли 1995 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №7-8, мод. 67; с. 1996, №3, мод. 48; с. 1998, №22, мод. 295; с. 2004, №2, мод. 41; с. 2007, №7, мод. 657; с. 2010, №1, мод. 18; с. 2020, №12, мод. 915; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 717; с. 2022, №12, қ. 2, мод. 779; с. 2024, №1-2, мод. 24) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми дуюми моддаи 21 калимаи «Ҳукумати» ба калимаи «Президенти» иваз карда шавад.

2. Аз қисми якуми моддаи 23 калимаҳои «мукофоти давлатӣ буда,» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2127**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №573**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1451**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъин намудани Мирзозода И.Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Иброҳим Холмурод иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №903**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон таъин намудани Иброҳимиён А.К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Иброҳимиён Акмал Комилзода иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №904**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин намудани Давлатзода Н.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Давлатзода Наҷмиддин Сайфиддин иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №905**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Нуробод таъин намудани Солеҳзода Ф.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Солеҳзода Фатҳуддин Ҳусен иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Нуробод таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 январи соли 2025, №906**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №7, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Зеваршоев З.Т.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зеваршоев Зеваршо Тайғуншоевич бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №8, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» озод намудани Давлатқадамов Б.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатқадамов Бахтовар Саодатқадамович бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб- интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №9, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» озод намудани Ятимзода М.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ятимзода Муҳаммади Аҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №10, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Назирмадзода Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назирмадзода Бахтиёр бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №11, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳимзода Б.К.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳимзода Баҳодур Карим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №12, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қаландарзода Ҳ.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қаландарзода Ҳабибулло Қаландар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №13, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҷумахонзода Ҷ.Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷумахонзода Ҷамшед Ҷурахон раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №14, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Табарзода Ҷ.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Табарзода Ҷамшед Авзал раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №15, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин намудани Муродзода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муродзода Аҳмадхон Амрохон директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №16, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» таъин намудани Маҳбатшозода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Маҳбатшозода Арабгул Абдулназар директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №17, ш. Душанбе**

**Дар бораи роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» таъин намудани Раҳмонзода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Амрулло Абдулло роҳбари Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №18, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Зуҳурзода Х.Ҳ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зуҳурзода Хуршед Ҳасан муовини якуми директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №19, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҷамолзода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷамолзода Абдуғаффор Абдуҳамид муовини директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №20, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Шарофзода Ф.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарофзода Фарҳод Разоқ директори Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №21, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Левакант»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Саидзода С.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Саидмаҳмуд Сайдаҳмад ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Левакант»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №22, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Данғара»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Сафозода А.К.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафозода Абдумаҷид Карим ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Данғара»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №23, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Иброҳимзода И.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ директори Муассисаи давлатии «Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ»-и Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №24, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Ширинзода Н.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ширинзода Наҷмуддин Асомадин директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 январи соли 2025, №25, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Муминзода М.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муминзода Мустафо Одина муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БЕРУН БАРОВАРДАН ВА ВОРИД НАМУДАНИ САРВАТҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ»

**Моддаи 1.** Ба қисми 2 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 4 апрели соли 2019 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2019, №4-5, мод. 221) ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Хароҷоти мазкур тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешаванд.».

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2128**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №574**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1459**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 627; с. 2018, №1, мод. 19; с. 2019, №1, мод. 20; с.2024, №3-4, мод. 157) моддаи $25^{2}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $25^{2}$. Амалишавии пардохтҳои фаъолияти суғуртавӣ**

Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ), пардохти суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2132**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №578**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1467**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАРҲАНГ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 3 январи соли 2024 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2024, №1-2, мод.18) қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Пардохтҳои марбут ба фаъолияти пулакии муассисаҳои соҳаи фарҳанг тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.».

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2129**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №575**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, № 1461**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АЛОҚАИ ПОЧТА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» аз 1 августи соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 462; с. 2004, №5, мод. 341; с. 2007, №7, мод. 684; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 412, мод. 413; с. 2016, №11, мод. 886) моддаи $24^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $24^{1}$. Пардохтҳои марбут ба хизматрасониҳои алоқаи почта**

Пардохтҳои марбут ба хизматрасониҳои алоқаи почта, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2133**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №579**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, № 1473**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218; с. 2018, №1 мод. 21; с. 2020, №12, мод. 914; с. 2024, №1-2, мод. 19) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Ба сархати чоруми қисми 1 моддаи 3 пас аз калимаҳои «намудан ба» ва «сулҳдӯстӣ» мувофиқан калимаҳои «пешбурди тарзи ҳаёти солим,» ва «, эҳтироми қонун, арзишҳои фарҳангӣ, суннатҳои миллӣ ва ҳифзи онҳо» илова карда шаванд.
2. Сархати шашуми моддаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
«- таъмини кӯдакони ятим ва бепарастор бо манзил тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;».
3. Дар ном ва қисми 1 моддаи 11 калимаи «эътибор» ба калимаи «шараф» иваз карда шавад.
4. Дар қисми 2 моддаи 23 калимаҳои «нӯшокиҳои спиртдор, маводи нашъадор ва моддаҳои мадҳушкунанда» ба калимаҳои «маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар» иваз карда шаванд.
5. Дар матни моддаи 25 калимаи «кӯмаки» ба калимаи «кумаки» иваз карда шавад.
6. Дар қисми 3 моддаи 28 калимаи «эътибори» ба калимаи «шарафи» иваз карда шавад.
7. Дар қисми 1 моддаи 29 калимаҳои «нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, маводи нашъадор ва психотропӣ» ба калимаҳои «маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар» иваз карда шаванд.
8. Дар моддаи 33 калимаҳои «шароити рушду камол ва тарбияи» ба калимаҳои «шароит барои имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии» иваз карда шаванд.
9. Дар қисми 3 моддаи 34 калимаи «эътибор» ба калимаи «шараф» иваз карда шавад.
10. Дар моддаи 45:
- дар қисми 1 калимаи «эътибори» ба калимаи «шарафи» иваз карда шавад;
- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
«2. Бо мақсади таъмини зиндагии арзанда кӯдаки маъюб вобаста ба қобилиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии худ ҳуқуқ дорад аз нигоҳубин, таҳсил ва тайёрии махсус, ки мустақилияти комил ва ҳамгироии ҷамъиятии ӯро таъмин менамоянд, бархӯрдор бошад.».

**Моддаи 2. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2130**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №576**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1498**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АЛОҚАИ БАРҚӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 22 июни соли 2023 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023, №4-6, мод. 162) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 3 моддаи 11 пас аз калимаи «Тоҷикистон» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.
2. Ба банди 3) моддаи 33 пас аз калимаи «пешниҳодгардидаро» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2134**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №580**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, № 1475**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ЧЕНАКИ ЯГОНА»

**Моддаи 1.** Ба қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 22 июни соли 2023 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023, №4-6, мод. 163) пас аз калимаи «мувофиқагардида» калимаҳои «тариқи ғайринақдӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2131**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №577**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, № 1465**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ БАҲОДИҲӢ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №7-9, мод. 626) қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Дар мавриди баҳодиҳии ҳатмӣ пардохтҳои дар қисми 2 ва 5 моддаи мазкур пешбинишуда тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2135**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №581**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1477**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ»

**Моддаи 1.** Қисми 4 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №12, қ. 2, мод. 761) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Ҳисоббаробаркуниҳо ҳангоми анҷом додани аҳди электронӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2136**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №582**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1479**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 521; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 411; с. 2018, №1, мод. 33; с. 2021, №6, мод. 397) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1 ва тамоми матни қонун калимаҳои «субъекти санҷидашаванда», «Субъектҳои санҷидашаванда», «субъектҳои санҷидашаванда», «субъекти санҷидашавандаро», «Субъекти санҷидашаванда», «субъектҳои санҷидашавандае», «субъекти санҷидашавандаи», «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадоранд», «ӯҳдадор», «ӯҳдадориҳоро», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадориҳое» ва «маҷмӯи» мувофиқан ба калимаҳои «субъекти аудит», «Субъектҳои аудит», «субъектҳои аудит», «субъекти аудитро», «Субъекти аудит», «субъектҳои аудите», «субъекти аудити», «уҳдадориҳои», «уҳдадоранд», «уҳдадор», «уҳдадориҳоро», «уҳдадориҳо», «уҳдадориҳое» ва «маҷмуи» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 1:

- сархати чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«- аудити дохилӣ** – фаъолият оид ба пешниҳоди кафолат ва машварати мустақилу беғаразона, ки ба такмили фаъолияти ташкилот равона шудааст. Аудити дохилӣ бо истифодаи равиши муназзаму пайдарҳами баҳодиҳӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда, баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии корпоративӣ ба ташкилот кумак мерасонад;»;

- сархатҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**«- гурӯҳи аудиторӣ** – шарикон, кормандони ташкилот ё кормандони ташкилоти дохили шабака, ба истиснои коршиноси берунаи аудитор, ки барои иҷрои супориши аудиторӣ ҷалб мегарданд;

**- баҳодиҳии тавсифӣ** – баҳодиҳии мулоҳиза ва ақидаҳои аҳамиятноки гурӯҳи аудиторӣ, ки ба ҳолат ё қабл аз санаи хулосаи аудиторӣ анҷом дода шуда, аз натиҷаи он ҳисобот тартиб дода мешавад. Баҳодиҳии тавсифӣ барои аудити ҳатмии субъектҳои дорои манфиати умум ва супоришҳои дигари аудитории муайяннамудаи ташкилоти аудиторӣ гузаронда мешавад;

**- шахсе, ки баҳодиҳии тавсифиро амалӣ менамояд** – шарик ё корманди дигари ташкилоти аудиторӣ, ки таҷриба, сатҳи тахассус ва касбияти ба супориши аудиторӣ муносиб дошта, узви гурӯҳи аудиторӣ намебошад;»;

- ба сархати чордаҳум пас аз калимаи «тасдиқ» калимаҳои «ва ба забони давлатӣ тарҷума» илова карда шаванд;

- аз сархати понздаҳум калимаҳо ва аломати «аз тарафи Комиссияи тахассусии аттестатсиякунонӣ ва иҷозатномадиҳӣ дода шуда,» хориҷ карда шаванд.

3. Дар моддаи 6:

1) дар қисми 3:

- сархати ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- гузарондани аудит ва таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, банақшагирии сармоягузорӣ ва молиявӣ;»;

- аз сархатҳои нуҳум ва ёздаҳум калимаҳои «ва таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва банақшагирии молиявӣ» ва «ва гузаронидани аудит фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва банақшагирии молиявӣ» хориҷ карда шаванд;

- сархати ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- гузарондани аудити технологияҳои иттилоотӣ дар самти киберамният ва амнияти иттилоотӣ;»;

2) дар қисми 4 калимаи «иҷозатномадиҳӣ» ба калимаи «иҷозатдиҳӣ» иваз карда шавад.

4. Ба қисми 2 моддаи 10 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- низоми назорати дохилии сифати аудитро мутобиқ ба стандарти байналмилалии назорати сифат ташкил ва амалӣ намоянд;».

5. Сархати якуми қисми 1 моддаи 14 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- баҳодиҳии низоми назорати дороиҳо ва машваратдиҳӣ ҷиҳати пешгирии зарар;».

6. Моддаи 19 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 19. Иҷозатдиҳӣ барои фаъолияти аудиторӣ**

Иҷозатдиҳӣ барои фаъолияти аудиторӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» амалӣ карда мешавад.».

7. Дар моддаи 23:

- ба қисми 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Барои гузарондани аудити ҳатмии субъектҳои дорои манфиати умум нисбати ташкилотҳои аудиторӣ талаботи ҳадди ақали зерин муқаррар карда мешавад:

- гузарондани баҳодиҳии тавсифӣ;

- ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и роҳбари гурӯҳи аудиторӣ, инчунин шахсе, ки баҳодиҳии тавсифиро амалӣ менамояд, дар ҳолати дар давоми се сол пайи ҳам гузарондани аудит дар як субъекти дорои манфиати умум;

- хулоса аз рӯйи натиҷаи назорати сифати беруна, аз ҷумла хулосаи назорати берунаи сифати ташкилотҳо ва ҷамъиятҳои касбии байналмилалии аудиторӣ, ки ташкилоти аудиторӣ узви он мебошад, оид ба риояи стандартҳои байналмилалии аудит ва кодекси одоби касбӣ барои давраи на кам аз як маротиба дар панҷ сол;

- мавҷудияти шартномаи амалкунандаи суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дар давраи аудит;

- мавҷуд набудани ҳолатҳои бо қарори суд беэътибор эътироф намудани хулосаи аудитории аъзои гурӯҳи аудиторӣ дар давоми ду сол ё боздоштани амали иҷозатномаи ташкилоти аудиторӣ дар давраи аудит.»;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Мақоми ваколатдори давлатӣ сифати риояи талаботи ҳадди ақалро пеш аз нашри хулосаи аудиторӣ баҳодиҳӣ менамояд. Дар ҳолати риоя нагардидани талаботи қисми 2 моддаи мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ барои беэътибор эътироф намудани хулосаи аудиторӣ ба суд муроҷиат менамояд.».

8. Дар қисми 1 моддаи 28 калимаи «гражданию» ба калимаи «маданию» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2137**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №583**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1490**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 169; с. 2014, №3, мод. 149; с. 2017, №1-2, мод. 23) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1 ва тамоми матни қонун калимаҳои «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадор», «ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадориҳое», «мӯҳлати» ва «мӯҳлатҳои» мувофиқан ба калимаҳои «уҳдадориҳо», «уҳдадор», «уҳдадориҳои», «уҳдадориҳое», «муҳлати» ва «муҳлатҳои» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 2:

1) сархатҳои сенздаҳум, чордаҳум ва понздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **ҳисоботи молиявии маҷмуӣ** – ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда, ки ҳисоботи молиявии ташкилоти асосӣ ва фаръиро дар бар гирифта, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳия карда мешавад;

- **ҳисоботи молиявии маҷмуии буҷетӣ** – ҳисоботи молиявие, ки дар асоси ҳисоботи молиявии ташкилотҳои буҷетӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқ ба стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатии Тоҷикистон таҳия карда мешавад;

- **ҳисоботи молиявии маҷмуии бахши давлатӣ** – ҳисоботи молиявие, ки дар асоси ҳисоботи молиявии маҷмуии буҷетӣ, ҳисоботи молиявии корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳое, ки саҳмияҳои онҳо ба давлат тааллуқ доранд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқ ба шаклҳои муқарраршуда таҳия карда мешавад;»;

2) аз сархати ҳабдаҳум калимаҳои «ва ё миллӣ» хориҷ карда шаванд;

3) ба сархати ҳаждаҳум пас аз калимаи «тасдиқ» калимаҳои «ва бо забони давлатӣ тарҷума» илова карда шаванд;

4) сархати нуздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатии Тоҷикистон** – стандартҳо ва тафсирҳое, ки дар асоси стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тафсирҳои нашрнамудаи Шурои стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибии Федератсияи байналмилалии муҳосибон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия ва тасдиқ шудаанд;»;

5) сархати бисту чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **даромад** – воридшавии манфиати иқтисодии давраи ҳисоботӣ дар шакли зиёдшавии дороиҳо ё камшавии уҳдадориҳо, ки сармояи худиро афзун намуда, бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон алоқаманд нест;».

3. Дар моддаи 4:

1) қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ татбиқ мегардад нисбат ба:

- субъектҳои дорои манфиати умум ва субъектҳои соҳибкории калон - тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;

- ташкилотҳои буҷетӣ - тибқи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатии Тоҷикистон;

- субъектҳои соҳибкории хурду миёна (ба истиснои соҳибкорони инфиродӣ) - тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои корхонаҳои хурду миёна ё стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ.»;

2) қисми 2 қисми 3 ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Соҳибкорони инфиродӣ баҳисобгирии муҳосибиро бо тартиби содакардашуда амалӣ менамоянд.»;

3) қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Меъёрҳои мансуб донистани субъектҳои соҳибкорӣ ба калон, хурд ва миёна тибқи қонунгузорӣ дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ муқаррар карда мешаванд.».

4. Дар қисми 2 моддаи 8:

1) аз сархати сеюм калимаҳои «ҳамчун мақоми экспертӣ» хориҷ карда шаванд;

2) сархатҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум, даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- дастурамалҳо оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва тасдиқ менамояд;

- дастурамал дар бораи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуии бахши давлатиро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- дастурамал дар бораи тартиби таҳияи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ҳангоми барҳамдиҳиро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- тартиби содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои соҳибкорони инфиродиро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- низомҳои иттилоотиро дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии ташкилотҳои бахши давлатӣ амалӣ менамояд;

- якҷо бо Бонки миллии Тоҷикистон тартиби мониторинги раванди татбиқи стандартҳоро тавассути низоми иттилоотӣ таҳия ва тасдиқ менамояд;».

5. Дар моддаи 9:

1) ба қисми 2 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар раванди пешбурди фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ низомҳои иттилоотиро амалӣ намоянд;»;

2) аз қисми 3 аломат ва калимаи «, миллӣ» хориҷ карда шаванд.

6. Дар моддаи 10:

1) дар қисми 1 калимаҳои «хоҷагидории ташкилотҳо» ба калимаҳои «хоҷагидорӣ, инчунин таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» иваз карда шаванд;

2) қисми 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тавассути низомҳои иттилоотии автоматиконидашудаи баҳисобгирӣ амалӣ карда мешаванд.»;

3) қисмҳои 9 ва 10 хориҷ карда шаванд.

7. Дар моддаи 12:

1) сархати ҳафтуми қисми 2 хориҷ карда шавад;

2) ба қисми 9 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Гардиши ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҷамъбастии электронӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.».

8. Ба қисми 3 моддаи 18 пас аз калимаи «Ҳисоботи» калимаи «молиявии» илова карда шавад.

9. Ба қисми 1 моддаи 21 пас аз калимаи «муҳосибӣ» аломат ва калимаҳои «, аз ҷумла шакли электронии онҳо» илова карда шаванд.

10. Аз қисмҳои 1 ва 2 моддаи 22 калимаҳои «ва ё миллӣ» ва «ё миллӣ» хориҷ карда шаванд.

11. Дар моддаи 23:

1) қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳисоботи молиявии фосилавӣ ва солонаи ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳое, ки саҳмияҳои онҳо ба давлат тааллуқ доранд, ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Муҳлати пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.»;

2) қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Ҳисоботи молиявии маҷмуии бахши давлатӣ пас аз аудити мустақили давлатӣ дар муҳлатҳои тибқи қонунгузорӣ дар бораи молияи давлатӣ муайяншуда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.»;

3) дар қисми 3 калимаҳо ва аломати «Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ тартиб медиҳанд,» ба калимаҳои «Субъектҳои дорои манфиати умум» иваз карда шаванд;

4) қисмҳои 2, 3 ва 4 мувофиқан қисмҳои 3, 4 ва 5 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2138**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №584**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1492**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ НОШИРӢ ВА ПОЛИГРАФӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ» аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7 мод. 607) моддаи $10^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $10^{1}$. Пардохти хизматрасониҳои марбут ба фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ**

Пардохти хизматрасониҳои марбут ба фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2139**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №585**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1469**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РЕКЛАМА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 457; с. 2007, №6, мод. 432; с. 2008, №10, мод. 824; с. 2011, №12, мод. 843; с. 2012, №4, мод. 262; с. 2014, №11, мод. 672; с. 2015, №3, мод. 224; с. 2017, №7-9, мод. 575, мод. 576; с. 2018, №1, мод. 26; с. 2022, №7, мод. 456, №12, қ.2, мод. 787) моддаи $21^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $21^{1}$. Пардохти хизматрасониҳои марбут ба фаъолияти рекламавӣ**

Пардохти хизматрасониҳои марбут ба фаъолияти рекламавӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 январи соли 2025, №2140**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2024, №586**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 ноябри соли 2024, №1471**


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи ВАҶТ №1049 дар бораи аз нав бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 январи соли 2009 ба ташкилоти ҷамъиятии «Фараҳнуш» додааст, ҳамчунин муҳри гумшудаи ташкилоти ҷамъиятии мазкур, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24 апрели соли 2009 таҳти рақами 3052 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, бинои 130/3, бинои анбор, ба Пулатова Муҳарамхон Исроиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои анбор, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино (собиқ Профсоюз), бинои 130/3, бинои анбор, ба Пулатова Муҳарамхон Исроиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2023 ба Пулодзода Алӣ Идибек додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 21/17, хонаи 37 ба ҶДММ «Манзилсозҳои аъло» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 21/17, хонаи 28 ба ҶДММ «Манзилсозҳои аъло» додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Наҷмиддин Х» (РМА 200002773, РЯМ 2010004765), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Нозук» (РЯМ 0110026730, РМА 010103004), ки онро Норзироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10 июни соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.



**Садои мардум**
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 8 январи соли 2025, соати 11:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33850 нусха*

**Навбатдори шумора**
**Ш. Атобуллоев**

**Тарроҳони компютерӣ**
**Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**